**Course name: National economy**

**Week 13:** ***Foresight, indicative planning of economic development of the Republic of Tajikistan***

# Номи фан: Иқтисоди миллӣ
*(National economy)*

## МАВЗӮИ 13. Оияндабинӣ, банақшагирии индикативии тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саволҳои лексия:**

**1. Мафҳум ва моҳияти банақшагирию оияндабинӣ.**
**2. Таърихи пайдоиши банақшагирии индикативӣ.**
**3. Оияндабинии даврҳои бӯҳронҳо – омили муҳими ба тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда.**
**4. Банақшагирии индикативӣ ва зарурияти омӯзиши он.**

### 1. Мафҳум ва моҳияти банақшагирию оияндабинӣ.

Нақша ва банақшагирӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини илми идоракунӣ мебошад. Банақшагирӣ-ин ҷараёни интихоби ҳадафҳо ва қарорҳое мебошад, ки барои ба мақсад ноил гаштан равона карда мешавад. Ё ба тарзи дигар гӯем банақшагирӣ ин хадафҷӯӣ ё ин ки пеши назар овардани натичаҳоест, ки аз ноил гаштан ба ҳадаф ба даст меояд. Банақшагирӣ дар тамоми давру замонҳо барои ҷомеъаи башар хос буд ва он имконият медод, ки мақсади пешгузошташуда муайян карда шавад ва барои он чораҳои зарурӣ андешида шавад. Банақшагирӣ ба чандин гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад: нақшаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, экологӣ, илмию техникӣ ва ғайра[1].

Нақшаи иқтисодӣ –ин пеш аз ҳама нақшаи истеҳсолот аст, яъне истеҳсоли неъматҳои моддӣ дар назар дошта мешавад. Нақшаи иқтисодӣ инчунин нақшаи тақсимоти маҳсулот, нақшаи боркашонӣ, интиқол ва то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулот мебошад. Бинобар ин чунин нақшаро на танҳо маънои истеҳсолу тақсимот, балки инчунин истеъмоли маҳсулотро дар бар мегирад (истеъмоли истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ)[2].

Дар шароити ҳозира, чи дар таҷрибаи мамлакатхои муштаракулманофеъ ва чи берун аз он назарияи оянабинии Н.Д. Кондратьев (1892-1938), ки яке аз назарияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба ҳисоб меравад васеъ истифода мешавад, ки онро бо чунин тавр тасвир намудан мумкин аст.

Хусусияти оияндабинӣ дар бисёр ҳолатҳо аз вақти ба амалоии ҳодиса вобастагӣ дорад, ки аз ин нуқтаи назар он ба қисматҳои зеин ҷудо карда

---

[1] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

[2] Ҳакимов Ҳ.А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

мешавад: кӯтоҳмеҳлат, миёнамӯҳлат, дарозмӯҳлат ва бисёр ҳам дарозмӯҳлат. Бояд қайд намуд, ки дар адабиётҳои муаллифон мӯҳлатҳои ояндабиниро бо тарзҳои гуногун маънидод намудаанд, ки аз ҳама ба мақсад мувофиқ мӯҳлатҳои зерин муайян карда шудааст: кӯтоҳмӯҳлат (аз 1 то 3 сол), миёнамӯҳлат (аз 4 то 10 сол), дарозмӯҳлат (аз 10 то 20 сол), бисёр ҳам дарозмӯҳлат (зиёда аз 20-30 сол).

Яке аз элементҳои мураккаб дар назарияи банақшагирӣ ва ояндабинӣ – ин ояндабинии объектҳои таҳлилшаванда, тағъирёбии давраҳо ва фазаҳои он мебошад, ки ҳангоми ба амалоии бӯҳронҳо ба мушоҳида мерасад. Давраҳо ҳаракати умумии дилхоҳ система дар табиату ҷамъият мебошад, ки дилхоҳ давр ҳангоми пешрафти худ 5 фазро аз сар мегузаронад:

- ✓ ***бавуҷудоии даври гузашта;***
- ✓ ***барқароршавии инноватсионӣ;***
- ✓ ***тақсимотӣ;***
- ✓ ***тараққиёти мӯътадил;***
- ✓ ***ташаккулёбии системаи нисбатан нав ва пешқадам.***

Танҳо баъди ин ҳолатҳо, ивазшавӣ ва гузаштан аз як система ба системаи дигари сифатан нав ё ин ки пошхӯрии системаи амалкунанда ба вуҷуд меояд[3].

Ҳолати дигаре, ки тараққиёти иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон системаҳоро мураккаб месозад –ин пешбинии даврҳои фазои бӯҳронҳо, таъғирёбии онҳо ва хусусияти оқибатҳои он ва роҳҳои баромадан аз бӯҳронҳо мебошад, ки дар ин ҷо пеш аз ҳама бояд ҳолатҳои зерин ба назари эътибор гирифта шавад.

## 2. Таърихи пайдоиши банақшагирии индикативӣ.

Бояд қайд намуд, ки мақоми асосиро дар ба вуҷудоии назария ва амалияи банақшагирии индикативӣ дар солхои 1922-1925 олими рус Н.Д. Кондратьев гузошт, аммо ин назария бо сабабҳои сиёсӣ ва дигар сабабҳо дар таҷриба амалияи худро наёфт. Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти бозорӣ асоси амалии банақшагирии индикативӣ аз тарафи К. Ландауер дар китоби «Назарияи иқтисоди миллии банақшагирӣ» (1944) гузошта шуд, ки ҳанез дар ҳамон замон чунин ҷиҳатҳои банақшагирии индикативӣ ҷудо карда мешуд:

-нақша дар натиҷаи фаъолияти боиродаю мушаххаси давлат бо якҷоягӣ бо ҳамагуна тарафҳои дахлдор ташаккул меёбад;

-нақшаи қабулшуда бо муҳокимаи кушоду озод, тақозо мекунад, ки принспи қарори пешқадам риоя карда шуда, ба талаботи тамоми ҷомеъа

[3] Ҳакимов Ҳ.А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

ҷавобгe бошад, на ин, ки бо агентҳои алоҳида, ки ба зарари интересҳои умумидавлатӣ оварда расонад;

-мақсади нақша ва чорабинӣ барои амалигардонии он бояд ҳамин тавр интихоб карда шуда бошад, ки истифодаи самарааш баланд ба даст оварда шавад;

-нақша бояд бо тамоми захираҳо дар тавозун бошад.

Таҷрибаи банақшагирӣ дар кишвари мо бевосита ба идтиҳоди шӯравӣ мансуб аст, яъне давлате, ки хоҷагии плании марказонидашуда дошт. Собиқ ИҶШС давлате буд, ки моҳияташ хоҷагии ягонаи марказонидашуда буда аз рӯи нақшаи умумидавлатӣ тараққӣ мекард. Банақшагирӣ дар ИҶШС банақшагирии директивӣ (дастурӣ) буд ва план ҳукми қонунро дошт ва аз боло ба поён ҳатман бояд иҷро мешуд.

Банақшагирии индикативӣ нақшае мебошад, ки дар шароити хоҷагии капиталистӣ ва шароити иқтисоди бозоргонӣ сурат мегирад. Бо иборaи дигар ин гуна банақшагирӣ дар шароите ки моликияти мамлакат пурра давлатӣ нест ва моликияти хусусӣ низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, амал мекунад.

Дар адабиётҳо дар бораи таърихи пайдоиши банақшагирии индикативӣ ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан бо баъзе аз сарчашмаҳои илмӣ ин гунна банақшагирӣ нахустин маротиба дар Франсия дар соли 1946 дар таҳти рохбарии президенти он давра Де Голл пайдо шуд. Банақшагирии индикативӣ кулли хоҷагии мамлакатро фаро гирифта, дар миқёси корхонаҳо ва ташкилотҳои алоҳида ба мӯҳлати 5 сол сохта мешуд. Аз ҳамон давра банақшагирии индикативӣ густариш ёфта, махсусан дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар Ҳиндустон, Алҷазоир, Кипр, Камбоҷа, Конго, Гвинея ва ғ. мақоми муҳимро ишғол намуд.

Банақшагирии индикативӣ дар шароити бозор ва вуҷуд доштани корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ ва омехтаи намудҳои хоҷагидорӣ амал намуда бо воситаи чунин нақшаҳо вазифаҳои умумимиллӣ (ба монанди рушди иқтисодӣ, мубориза бар зидди қашшоқӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷои кор ва ғайра.) ҳалли худро меёбад. Дар мамлакатҳои тараққикарда ин усул истифода шуда истодааст, ки дар ҳар кишвар хусусияти хоси худро доро мебошад. Масалан дар Франсия ва Япония –ин нақшаҳои панҷсолаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, дар Ҷумҳурии Чин бошад ин накшаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат ва нақшаҳои солона мебошад ва дар ИМА ин банақшагрии барномавӣ ва низоми контрактӣ мебошад[4].

Дар давлати Россия банақшагирии индикативӣ масалан барои ду баробар зиёд намудани ММД дар 10-солаи ҷорӣ истифода шуда истодааст, ки

[4] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

бо ёрии чунин тарзи банақшагирӣ бояд чунин соҳаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардад:
-идоракунӣ дар сатҳи сохторҳои макроиқтисодӣ;
-идоракунии сохторҳои соҳавӣ ва байнисоҳавӣ;
-идоракунии ҷараёнҳои инноватисонӣ;
-идоракунии алоқаҳои иқтисодии берунӣ.

Барои амалӣ намудани чунин тарзи банакшагирӣ бояд пеш аз ҳама ҳаҷми сармоягузориҳо барои капитали асосӣ, ҷойгиршавӣ ва сохтори талаботи истеъмолӣ, сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ, саҳми даромади буҷа дар ММД ва ғайра ҳисоб карда шавад.

Банақшагирии индикативӣ асосан баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тараққии фаъол намуда дар роҳи пешрафти худ бо роҳҳои гуногун тараққӣ намудааст.

***Намуди стратегии*** банақшагирии индикативӣ боз ҳам таҳлили чуқури ҳамаи субъектҳои иқтисоди миллиро талаб мекунад. Хусусияти чунин намуди банақшагирии индикативӣ пеш аз ҳама дар мавқеи васеъи нақшаҳои индикативӣ ва интегратсияи баланди он бо сиёсати дарозмуддати сиёсати иқтисодӣ ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки дар базаи банақшагирии индикативӣ механизми таъминоти мақсад ва роҳнамо (ориентир)-и тараққиёти иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ба вуҷуд меояд, ё ин ки ба таври дигар геем давлат ба тараққиёти иқтисодӣ-иҶумҳурии Тоҷикистонимоӣ бо воситаи кооридинатсия ва ахборот таъсир мерасонад на ин ки бо воситаи қарорхо ва фармонҳо. Дар натиҷаи ивазшавии нақша ва ахборот байни давлат ва корхонаҳои хусусӣ схемаи оптималии сатҳи тараққиёти пешниҳодшаванда ба амал меояд. Аз ин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки вазифаи асосии банақшагирии индикативӣ –ин ахбороти-роҳнамои мебошад, ки ҳамчун вазифаи мотиватсионӣ ба ҳисоб меравад[5].

## 3. Ояндабинии даврҳои бӯҳронҳо – омили муҳими ба тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидаткунанда.

**1. Фазоҳои бӯҳронӣ қисмати асосии таъғирёбии даврии системаи ҷамъиятӣ мебошад.** Давомёбии бӯҳронҳо пеш аз ҳама аз намуд ва вақти ҳудуди даврҳо вобастагӣ дорад. Масалан дар доираи даврҳои миёнамӯҳлат фазои бузург тахминан як маротиба дар даҳ сол ба амал меояд ва 1-2 сол идома меёбад ва дар даврҳои дарозмӯҳлат бошад қариб баъди ду даҳсола ба амал омада 3-5 сол идома меёбад. Боз ҳам бӯҳронҳои дарозамалкунанда дар вақти

[5] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

ивазшавии асрҳо ва даврҳои цивилизатсионӣ ба вуҷуд омада метавонад, ки як чан даҳсолаҳо амал намояд ва тағирётҳои куллиро дар сохтори иқтисодиёт ва ҷамъият ба вуҷуд орад[6].

2. **Бӯҳронҳо метавонанд хусусияти харобкунанда дошта** боиси паст рафтани истеҳсолот ва сармоягузорӣ ба капитали асосӣ гардида, сабаби муфлисшавии корхонаҳо гарданд, ки ин ҳолат боиси афзудани шумораи бекорон, паст рафтани даромадҳои реалии қисмати зиёди аҳолӣ гардида, ғайриустувор будани системаи ҷамъиятӣ ба мушоҳида расида ва дар ниҳояти кор боиси нооромиҳои иҶумҳурии Тоҷикистонимой-сиёсӣ гардад.

3. **Бӯҳронҳо метавонанд хусусияти хамгирой дошта** метавонанд барои элементҳои системаи оянда роҳ кушоянд. Дар ин маврид беҳронҳо ҳамчун воситаи тозакунанда, ки чизи кӯҳнаро, ки мӯҳлати худро ичро кардааст нест намуда, метавонад заминаи асосӣ барои тараққӣ намудани системаи оянда гардад.

**4. Бӯхронҳо дар тағъирёбии системаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори мураккабро фаро мегирад.** Ин пеш аз ҳама бӯҳрони иқтисоди мебошад, ки дар навбати худ аз бӯҳрони инвеститсионӣ ва молиявӣ оғоз ёфта боиси муфлисшавӣ, кам гардидани ҳаҷми истеҳсолот, баланд гардидани дараҷаи бекорӣ, паст гардидани иктидорҳои истеҳсолӣ ва боиси нест гардидани баъзе молҳои ниёзи мардум мегардад. Баландшавии дараҷаи бекорӣ ва паст гардидани сатҳи зисти аҳоли нооромиҳои сиёсиро ба амал оварда ҳатто дар баъзе аз мавридҳо боиси бӯҳронҳои сиёсӣ мегардад дар ниҳояти кор метавонад боиси ивазшавии давлат гардад (масалан дар Германия дар солҳои 30-юм боиси ба дасти фашистон гузаштани давлат гардид).

## 4. Банақшагирии индикативӣ ва зарурияти омӯзиши он.

Пеш аз оне ки дар бораи банақшагирии индикативӣ маълумот диҳем аввалан мафҳуми банақшагирии стратегиро низ шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Банақшагирии стратегӣ ин ҷараёни муайянкунандаи мақсадҳо, инчунин маънои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо самтҳои асосии тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоиро бо мӯҳлати дароз ё кӯтоҳ ва ягонагии асоси механизми амалигардонии он мебошад. Он ҳисоби омилҳои муҳити беруниро пеш аз ҳама дар назар мегирад, ки аз ин ҷост, ки пешқадам ва гуногунвариант мебошад. Ҳангоми банақшагирии стратегӣ ҳалли ҳамон масъалаҳое дар назар дошта мешавад, ки хусусияти умумии дигаргуниҳои иқтисодӣ, босуботӣ ва

---

[6] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

рақобатпазирии иқтисодиёт, сатҳи зисти аҳолӣ, рақобати мудофиавии мамлакат ва ғайраҳоро дар бар мегирад[7].

Банақшагирии индикативӣ, чӣ тавре ки қайд карда шуд асоси воситаи кори оиди амалӣ намудани мақсадҳое мебошад, ки дар нақшаи стратегӣ бо назардошти вазъияти мушахасси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ гузошта шудааст. Банақшагирии индикативӣ – ҷараёне ташаккули низоми индикаторҳо мебошад, ки вазъият ва тараққиёти иқтисодиёти мамлакатро, ки бо сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат мувофиқ аст шарҳ дода бо маҷмӯи чорабиниҳо ба ҷараёнҳои иқтисодӣ-ичтимоӣ таъсир мерасонад.

Таҷрибаи бисёре аз мамлакатҳои ҷаҳон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки банақшагирии индикативӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ пеш аз ҳама ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ такя менамояд. Чунин тарзи банақшагирӣ ҳамчун ширкатҳои калони асосӣ дар низоми танзими давлатии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи он имконият медиҳад, ки ба ҳамомӯзиши самараноки худтанзимкунии бозор ва танзими марказонидашуда ба амал броварда шавад: ***масалан барои банақшагирии фаъолияти молиявии корхонаҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ чунин имкониятҳоро мушоҳида кардан мумкин:***

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ корхонаҳо мустақилона барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ фаъолият мебаранд. Дар ҳолати давлат ба фаъолияти корхонаҳо маҳдуд буда, ғайримустақим тавассути фишангҳои иқтисодӣ – молиявӣ сурат мегирад. Корхонаҳо мутобиқи шартҳои зерин амал мекунанд:
- мутобиқ кардани фаъолият ба талаботи бозор, ба талаботи истеъмолкунандагон, ташкили истеҳсоли маҳсулоте, ки ба он талабот вуҷуд дорад ва барои корхона фоидаовар аст;
- кӯшиши доимӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, бо хароҷоти камтарин ба даст даровардани фоидаи кифоя;
- зиёд кардани моликияти саҳомӣ бо роҳи баланд бардоштани қурби саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қимматноки корхона;
- бартараф ё кам кардани хавфҳои молиявӣ[8].

Яке аз роҳҳои асосии амалӣ гаштани шартҳои мазкур банақшагирии молиявӣ мебошад. Банақшагирии молиявӣ – ин раванди таҳияи силсилаи нақшаҳои молиявӣ алайҳи таъмини тараққиёти корхонаҳо ва ширкатҳои соҳибкорӣ бо маблағҳои пулии зарурӣ ва баланд бардоштани самаранокии

[7] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.
[8] Большаков С.В. Финансы предприятий: теория и практика – М.: Книжный мир, 2005

фаъолияти онҳо мебошад. Банақшагирии молиявӣ як шакли зуҳуроти моҳият ва вазифаҳои тақсимотӣ ва назоратии молия мебошад[9].

Дар айни замон, банақшагирии молиявӣ қисми таркибии раванди умумии банақшагирии фаъолияти хоҷагидорӣ - молиявии корхонаҳо мебошад.

Нақшаи молиявӣ қисми муҳим ва хотимавии нақшаи тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ё нақшаи корчаллонӣ (бизнес-план)-и корхонаҳо аст. Мавриди таҳияи нақшаи молиявӣ нишондиҳандаҳои он бояд босаводона ва бодиққат муайян карда шавад. Сифати нақшаи молиявӣ дар асоснокӣ ва пуррагии нишондиҳандаҳо, эътимоднокии маводҳое, ки дар раванди тарҳрезии нақшаҳои молиявӣ истифода мешавад, муқоисашавандагии нишондиҳандаҳо ва шиддатнокии онҳо, саҳеҳии ҳисобу китоб ва ниҳоят мутавозунии ҳама қисматҳои нақшаи молиявӣ ифода меёбад.Дар раванди банақшагирии молиявӣ вазифаҳои мушаххас ҳалли худро меёбанд ва ин вазифаҳо иборатанд:

- таъминоти фаъолияти истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва тиҷоратии корхонаҳо бо маблағҳои молиявӣ (пулӣ);
- муайян кардани роҳҳои самараноки сармоягузорӣ ва баҳо додан ба истифодабарии манфиатнокии сармоягузорӣ;
- муайян кардани захираҳои дохилихоҷагии афзоиши фоида ва сатҳи фоиданокӣ аз ҳисоби истифодаи сарфакоронаи воситаҳои пулӣ;
- ташкили муносибатҳои молиявии судманд бо буҷети давлатӣ, бонкҳо ва ҳамкорон;
- ба инобат гирифтани манфиатҳои саҳмиядорон ва сармоягузорон;
- назорат аз болои вазъи молиявӣ, пардохтпазирӣ ва қобилияти қарзадокунии корхонаҳо.

Баъзеҳо дар ақидаанд, ки банақшагирӣ умуман ва алалхусус банақшагирии молиявӣ хоси иқтисодиёти маъмурӣ-фармонфармоӣ буда, (план–қонун, иҷроиши он масъулият) дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мавқеи худро гум мекунад. Ин ақида ғалат буда, дар шароити бозор дахолати маъмурӣ ба раванди банақшагирӣ аз байн меравад, аммо дар сатҳи корхонаю ширкатҳо аҳамияти банақшагирии молиявӣ беш аз пеш меафзояд[10].

Якум, дар нақшаҳои молиявии корхона ва ширкатҳо хароҷот барои фаъолият бо имкониятҳои молиявӣ вобаста карда мешавад, яъне тавозуни эҳтиёҷ ва имкониятҳои молиявӣ таъмин карда мешавад;

---

[9] Лапуста М.Г., Мазурина Т.Ю., Скамай Л.Г. Финансы организаций (предприятий) – М.: ИНФРА – М, 2009.

[10] Лапуста М.Г., Мазурина Т.Ю., Скамай Л.Г. Финансы организаций (предприятий) – М.: ИНФРА – М, 2009.

Дуюм, нишондиҳандаҳои нақшаҳои молиявӣ аз кулли фаъолияти корхонаҳо – истеҳсолот, тиҷорат, тараққиёти техникӣ, инкишофи идоракунӣ, самаранокӣ, сохтмон, таъминоти моддӣ-техникӣ, меҳнат ва кадрҳо, фоиданокӣ, ҳавасмандгардонӣ ва дигарҳо вобастаанд. Аз ин лиҳоз, банақшагирии молиявӣ ҳама паҳлӯҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро тавассути интихоби объектҳои молиягузорӣ ва самтҳои истифодаи маблағҳои молиявӣ ба инобат мегирад ва барои истифодаи самараноки воситаҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулӣ мусоидат мекунад[11].

Сеюм, нақшаҳои молиявӣ ҳамчун фишанги муҳими идора кардани фаъолияти молиявии корхонаҳо дорои хислати сафарбарсозии кулли захираҳои афзоиши самаранокӣ мебошад. Дар он камбудиҳо ва норасоиҳои фаъолияти соҳибкорӣ на бояд инъикос ёбанд, баръакс, он бояд андозаҳои муҳимтарини ташкил, тақсим ва баҳампайвастии захираҳои молиявиро бо ҳаҷми хароҷот ифода намояд. Зимнан қайд менамоем, ки нақшаи молиявии корхонаҳо тавозуни даромад ва хароҷот ном дошта барои соли оянда дар буриши семоҳаҳо (кварталҳо) тарҳрезӣ карда мешавад.

Дар асоси рақамҳои нақшаи молиявӣ ба мақсади таъмини мувозинати гуфтаҳо ва қисматҳои тавозуни даромад ва хароҷот ҳуҷҷати махсус – ҷадвали шоҳмотии тафтишотӣ тартиб дода мешавад, ки он ба ду қисм – амудӣ ва уфуқӣ ҷудо мешавад. Дар қисми амудии он сарчашмаҳои молиявии корхона ва дар қисми уфуқӣ бошад, самтҳои истифодабарии онҳо ҷойгир мешаванд. Аввал рақамҳои ҷамбастии қисми уфуқии ҷадвали шоҳмотӣ ва пас аз он рақамҳои ҷамбастии қисми амудии он гузошта мешаванд[12]. Минбаъд, хароҷот ва пардохтҳои корхона, ки дар сутуни ҷамбастии қисми уфуқии ҷадвали шоҳмотӣ ҷойгир карда мешаванд, аз ҳисоби даромад ва воридоти пулии мушаххас, ки дар сутунҳои ҷамбастии қисми уфуқии ҷадвал ҷойгир ёфтаанд, пӯшонида мешаванд. Ҳосили ҷамъи рақамҳои қисмҳои уфуқӣ ва амудӣ бояд баробар бошанд, ки ин нишонаҳои дуруст тартиб дода шудани нақшаи молиявӣ (тавозуни даромад ва хароҷот) мебошад. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки банақшагирии молиявӣ роҳу равиши худро дорад ва дар раванди он корҳои мазкур бояд ба анҷом расонида шаванд:

- аз ҷониби умури молиявии корхона тайёр кардани лоиҳаи фармон доир ба муайян кардани тартибу мӯҳлати нақшаи тавозуни даромад ва хароҷот барои соли оянда;

---

[11] Большаков С.В. Финансы предприятий: теория и практика – М.: Книжный мир, 2005

[12] Лапуста М.Г., Мазурина Т.Ю., Скамай Л.Г. Финансы организаций (предприятий) – М.: ИНФРА – М, 2009.

- аниқ кардани рафти иҷроиши нақшаи молиявӣ дар ибтидои даври сипаришудаи соли ҷорӣ ва иҷроиши интизории он то ба охири соли ҷорӣ;
- ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, интизорӣ, лоиҳавӣ ва ғайра нишондиҳандаҳо, ки дар асоси онҳо ҳисобу китоби нишондиҳандаҳои нақшаи молиявӣ ба анҷом расонида мешавад;
- ҳисобу китоби пешакии ҳар як нишондиҳандаи нақшаи молиявӣ;
- пур кардани нусхаи тавозуни пешакӣ (нақшаи молиявӣ) ва таъмин кардани мутавозинии ҳаҷми даромадҳо ва хароҷот, пардохтҳо, молиякунонӣ, воридоти мақсаднок;
- тафтиши мувофиқати сарчашмаҳо ба самтҳои истифодабарӣ ба мақсади пурра таъмин намудани хароҷот бо сарчашмаҳои молиявӣ; - дида баромадан ва муҳокимаи нақшаи молиявӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор мутобиқи тартиботе, ки дар корхона қабул шудааст; - тадқиқи нақшаи молиявӣ бо назардошти тағйироту иловаҳо, ки мавриди муҳокимаи он тавсия карда шудаанд[13].

Нақшаи молиявии корхона, ки бо роҳу равиши зикршуда таҳия шудааст, одатан мукаммал буда, раҳнамо барои фаъолияти молиявӣ мебошад. Иқтисодиёти бозорӣ талаб менамояд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ ба масъалаи баланд бардоштани таъсирбахшии банақшагирии молиявӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, зеро дар шароити кунунӣ оқибатҳои манфии хавфҳои молиявӣ ҳама гуна камбудию норасоӣ ба ӯҳдаи худи сохторҳои соҳибкорӣ гузошта мешавад. Дар айни замон, баробари зарурати истифодаи васеи банақшагирии молиявӣ омилҳое низ амал мекунанд, ки истифодабарии онро аз ҷониби сохторҳои соҳибкории мамлакат маҳдуд месозанд. Масалан, номуайянии вазъияти бозор ва қоидаҳои «бозӣ» дар шароити кунунӣ, мавҷуд набудани заминаи самараноки меъёрӣ-ҳуқуқии банақшагирии молиявӣ дар корхона ва ширкатҳо сабаби он шудаанд, ки дар корхона ва ширкатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон банақшагирии молиявӣ дар сатҳи дилхоҳ қарор нагирад, тавозуни даромад ва хароҷот, инчунин ҷадвали шоҳмотии тафтишотӣ тартиб дода намешавад. Албатта, таваҷҷӯҳ ба он дорем, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ банақшагирии молиявӣ хусусияти фармоишии (директивии) худро гум кардааст ва нақшаи молиявӣ ба ҳуҷҷати дохилихоҷагӣ табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, банақшагирии моливӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои мӯътадили фаъолияти соҳибкорӣ, дастрас кардани маблағҳои молиявӣ ба ин мақсад ва дар ниҳоят таъмини кори фоиданоки корхона ва ширкатҳо зарур аст.

---

[13] Большаков С.В. Финансы предприятий: теория и практика – М.: Книжный мир, 2005

**Адабиёти истифодашуда:**

1.Большаков С.В. Финансы предприятий: теория и практика – М.: Книжный мир, 2005

2. Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: учебник. –М., 2001.

3.Государственное регулирование национальной эконо-мики: учебное пособие /Е.В. Харченко, Ю. В. Вертакова. -5-е изд., перераб. И доп. – М.: КНОРУС, 2011. -328 с

4.Лапуста М.Г., Мазурина Т.Ю., Скамай Л.Г. Финансы организаций (предприятий) – М.: ИНФРА – М, 2009.

5.Николаева Т.П. Основы информационной экономики: уч. пос. – СПБ.: ООО «ЛЕКС СТАР», 2001. – 128 с.

6.Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

7.Ҳакимов Ҳ.А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

8.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.